Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исоев Комёр Мадвалиевич дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Исоев Комёр Мадвалиевич «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ омода шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исоев Комёр Мадвалиевич дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» аз иқдомҳои саривақтӣ ба шумор рафта, метавонад баҳри тақвияти назарияи далеловарӣ, исботкунӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон такони ҷиддӣ диҳад. Дар маҷмуъ муаллиф таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври паҳновар таҳлил намуда, ҳар як нуқтаи назари худро бо дарназардошти мушкилот ва камбудиҳои муосир дар самти исботкунӣ асоснок намудааст. Таҳқиқоти маҷмуии муаллиф дар мавзуи мазкур имкон додааст, ки

дарвоқеъ як зумра меъёрҳо, пешниҳоду тавсияҳои бамаврид роҷеъ ба падидаи исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ коркард ва пешниҳод шаванд.

Муаллиф дар заминаи истифодаи адабиёти васеи илмии олимони ватанию хориҷӣ, ба назари эътибор гирифтани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи пешқадам ва қонунгузории кишварҳои мутамаддин масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалии мавзуро мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор додааст. Дар рисола унвонҷӯ дар бобати зарурати анҷом додани чунин як таҳқиқоти фарогири илмӣ дар пайвандӣ ба масъалаи мазкур бамаврид таъкид менамояд, ки падидаи исботкунӣ дар баробари содиршавии ҷиноятҳои характери «муосирдошта» бояд дар ҳоли рушд қарор дошта бошад, зеро маҳз руйкардҳои муосири илмӣ, мантиқӣ, техникӣ, иттилоотӣ василаи асосии исбот намудани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта маҳсуб меёбад.

Унвонҷӯ мавзуи мазкурро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил кардааст, ки бархе аз натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқоти диссертатсиониро ҷиҳати такмил додани падидаи исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ бо мақсади муқаррар намудани ҳолатҳои аҳаммиятноки парванда, ҳамчунин дар коркарди минбаъдаи назариявии проблемаҳои илмии падидаи исботкунӣ истифода намудан мумкин аст.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда.**

Роҷеъ ба мавзуъ ва моҳияти диссертатсия унвонҷӯ 11 мақола, аз ҷумла 5 адади онҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф таҷассуми худро пайдо намудаанд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Исоев Комёр Мадвалиевич дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» мубрам ба шумор рафта, барои илми мурофиаи ҷиноятӣ дар самти исботкунӣ, фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва фазои ҳуқуқии кишвар аҳаммияти назариявӣ ва амалиро соҳиб аст.

Аҳаммияти мавзуи мазкур бештар дар инҳо ифода мегарданд:

– коҳиш додани иштибоҳҳои мурофиавӣ дар раванди тафтишоти пешакӣ ва судӣ. Афзун гардидани иштибоҳҳои мурофиавӣ дар рафти исботкунӣ боиси қабул гардидани қарорҳои беасос ва ғайриқонунӣ мегарданд ва яқин аст, ки вазифаҳои асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ ба таври дахлдор иҷро намегарданд;

– тағйиротҳо дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Чун қоида, ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба падидаҳои мухталифи мурофиаи ҷиноятӣ муқарраротҳои навро руйи кор меоранд ва зарур аст ҳар яки онҳоро дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ татбиқ намуд;

– ошкор гардидани воситаҳои ҷадиди ба даст овардани далелҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ва дар асоси он муайян кардани ҳолатҳое ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд;

– истифода гардидани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар раванди исботкунӣ.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар дарёфт ва коркарди руйкардҳои илман асоснок ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилотҳои муосири исботкунии мурофиавии ҷиноятӣ ва дар заминаи ин манзур намудани пешниҳодҳои судманд бо мақсади такмил додани қонунгузории

мурофиавии ҷиноятӣ ифода мегардад. Унвонҷӯ бо мақсади муайян кардани мушкилоти ҷойдошта дар падидаи мазкур ба таври васеъ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро рӯйи кор овардааст, ки ҷиҳати ҳалли мусбати онҳо замина мегарданд:

– асосноккунии назариявии категорияи «исбот дар мурофиаи судии ҷиноятӣ»;

– таҳлили сохторӣ ва мазмунии хусусиятҳои мавзуи (предмети) исбот;

– муқаррар намудани таърифи муаллифонаи категорияи «субъекти исботкунӣ» ва таснифоти онҳо;

– дар заминаи такмилёбии меъёрҳои диспозитивӣ муайян намудани мақоми суд дар раванди исбот;

– муайян намудани ҷанбаи мафҳум ва муҳтавои категорияи «ҷамъоварии далелҳо» ва ошкор намудани хусусиятҳои асосии он;

– дар асоси муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши воситаҳои тафтиши далелҳо;

– таҳлил ва муайян намудани табиати ҳуқуқии баҳодиҳии далелҳо ва маҳакҳои он тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар омӯзиши мукаммал ва мустақили илмӣ, ки дар заминаи қабули Кодекси ҷадиди мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ сурат гирифтааст, ифода меёбад. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор масъалаҳои ҳалталаб мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, аз қабили ҷанбаҳои мантиқӣ, психологӣ ва ахлоқӣ доштани падидаи исботкунӣ, падид омадани мафҳуми исбокунӣ ҳамчун фаъолияти амалӣ ва равонӣ, истифода гардидани предмети исботкунӣ чун «барномаи корӣ» аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ, нақшҳои мушаххаси иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ дар раванди исботкунӣ, банизомдарории маҳакҳои баҳодиҳии далелҳо ва

ғ. Ҳамаи ин масоилҳои аҳаммиятнок аз ҷониби муаллиф таҳлил ва илман асоснок карда шудаанд.

Гузашта аз ин, дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур дар сатҳи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ мушкилоти ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо мавриди пажуҳиш қарор дода шуда, баҳри ислоҳ намудани онҳо таклифҳои судманди назариявию ҳуқуқӣ ва амалӣ коркард шудааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии он нишон дода шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «**Масъалаҳои назариявии падидаи исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ**» бештар масъалаҳои умумии назариявӣ вобаста ба падидаи исботкунӣ, манзур гардидани маҳфуми исботкунӣ дар доираи мурофиаи судии ҷиноятӣ, таносуби исботкунӣ бо таълимоти даркнамоӣ дар фаҳмиши мурофиаи ҷиноятӣ, ҳақиқат чун мақсади исботкунӣ, инчунин таҳлили меъёрҳои қонунгузории ватанӣ, ки ҷанбаҳои алоҳидаи исботкуниро танзим мекунанд, рӯи кор оварда шудааст.

Диссертант зикр менамояд, ки дар шароити кунунӣ коркарди масъалаҳои назариявӣ ва амалии падидаи исботкунӣ бо дарназардошти тамоюлҳои муосири рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар ҶТ беш аз ҳар вақти дигар эҳсос мешавад. Зеро дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҷиноятҳое ба қайд гирифта шуда истодаанд, ки ҷиҳати сари вақт ва пурра ошкор намудани он раҳёфтҳои мухталифи исботкуниро мавриди истифода намудан зарур аст. Ба назари муаллиф ин як мушкилоти бузургест, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавии ҳаёти муосир ба вуҷуд омадааст. Табиист, ки ҷаҳони муосир дер боз тағйир ёфтааст ва айни замон бо суръати баланд бо дарназардошти омилҳои гуногун масири худро дигар кардааст. Технологияи ҷадид, ки инсоният ҷиҳати беҳбуди зиндагӣ ба онҳо умед мебандад, бо худ оқибатҳои зиёди манфиро ба бор

меоварад. Зеро, дар шароити кунунӣ технологияи муосир василаи қулайи содиршавии ҷиноят гаштааст. Дар ин замина, диссертант пешниҳод мекунад, ки проблемаҳои муосир бояд тавассути амалкардҳо ва воситаҳои муосир ҳаллу фасл карда шаванд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ – **«Масъалаҳои илмӣ, амалӣ ва танзими ҳуқуқии унсурҳои исботкунӣ»** номгузорӣ шуда, масъалаҳои ҷамъ овардани далелҳо, таҳлили назарӣ, амалӣ ва танзими ҳуқуқии тафтиши далелҳо ва баҳодиҳии далелҳо мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф аз ҷанбаҳои эмпирикии ҷамъоварии далелҳо ишора карда, онро мафҳуми комплексӣ эътироф менамояд. Комплексӣ будани унсури якумини раванди исботкунӣ дар инҳо ифода мегардад:

1) Ошкор намудан;

2) Талаб намудан;

3) Гирифтан;

4) Мустаҳкам намудан ё худ ба расмият даровардан.

Муаллифи диссертатсия пешниҳод менамояд, ки ҳангоми талаб карда гирифтани предмет ва ҳуҷҷатҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд бояд протоколи амали тафтишии муносиб тартиб дода шавад. Дар протокол ба ғайр аз маълумотҳои муқаррарӣ (маҳал ва санаи тартиб додани протокол, вазифа ва ному насаби шахси тартибдиҳандаи протокол), инчунин вақт ва ҷойи супоридани предмет ва ҳуҷҷатҳо ва аз ҷониби кӣ қабул карда шудааст, бояд инъикос карда шавад. Аз нуқтаи назари муаллифи диссертатсия амалҳои тафтишӣ роҳи ягонаи ҷамъ овардани далелҳо нест. Далелҳо ҳамчунин тавассути ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ ба даст оварда мешаванд.

Дар заминаи таҳлили пурра ва ҳамаҷонибаи тафтиши далелҳо рисоланавис ба хулосае омадааст, ки раванди тафтиши далелҳо аз фаъолияти якҷояи амалӣ ва равонӣ ё худ ақлонӣ иборат мебошад, ки

субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ дар доираи он бештар усули индуктивӣ, дедуктивӣ, таҳлилро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки падидаи баҳодиҳии далелҳо ғайр аз ҷанбаҳои ҳуқуқӣ саршори ҷанбаҳои ахлоқист, ки таърихи пурпечутоб ва дурударозро паси сар намудааст. Аз ин рӯ, ба фаҳмиши кунунии падидаи баҳодиҳии далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ омилҳои мухталифи фарҳангӣ, этникӣ, динӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ таъсири калон расонидааст.

Дар доираи диссертатсияи мазкур як зумра масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ роҷеъ ба падидаи исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ зери таҳқиқот қарор гирифта, аз ҷониби муаллиф хулосабарориҳои амиқ ва паҳновар манзур карда шудааст. Ҳангоми таҳқиқот як зумра камбудӣ ва мушкилот дар самти мазкур ошкор карда шуд, ки рафъ намудани онҳо хусусияти оҷилиро пайдо намудаанд. Аз ин рӯ, хулосабарориҳои муаллиф дар ин хусус метавонанд ҷиҳати таҳқиқоти минбаъда ва амалияи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судӣ васеъ истифода карда шаванд.

Роҷеъ ба мавзуъ ва моҳияти диссертатсия муаллиф 11 мақола, аз ҷумла 5 адади онҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

Муҳаққиқ дар ошкор ва баррасии камбудию нуқсонҳои мубрам дар риштаи исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ саҳми назаррас гузоштааст. Камбудию нуқсонҳое, ки дар назария, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва дар таҷрибаи мақомоти босалоҳият ба вуқуъ пайвастаанд, аз ҷониби муаллиф муайян карда шуда, нисбати ин қабил мушкилот баҳои муносиби ҳуқуқӣ дода шудааст. Диссертант дар доираи таҳқиқоти мазкур асоснок

аз усулҳое (методҳо) истифода намудааст, ки ба умқи масъала расидааст, ба монанди усули диалектикӣ, таҳлил, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ғ.

Бояд тазаккур дод, ки муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии худ як қатор тавсияҳои амалии бамаврид дар робита ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи мазкур манзур намудааст, ки бидуни муболиға барои амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судӣ заминаи созгор муҳайё менамояд.

Таҳлили муташаккили таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки он арзиши баланди илмӣ ва амалиро соҳиб буда, аз ҷониби муҳаққиқ мустақилона ва муаллифона ба анҷом расонида шуда, ба талаботи омода намудани рисолаҳои номзади илм комилан ҷавобгӯ мебошад.

Дар заминаи суханони болозикр, хулоса намудан роиҷ аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исоев Комёр Мадвалиевич дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи
ҳуқуқи судӣ ва назорати
прокурории факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маҳмудов И.Т.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 935044352,
Email: 1978_mahmudov@mail.ru

Имзои Маҳмудов И.Т. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«06» марти 2024 с.